ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-095
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 28-уми феврали соли 2026 шаҳри Душанбе

Суханронии Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, тақризи муассисаи пешбар – Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ Сафарзода Шералӣ Ҷӯра – доктори илмҳои кишоварзӣ, ҳамоҳангсозии компоненти 1, Муассисаи давлатии "Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ", Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда докторони илмҳои кишоварзӣ, профессорон – Набиев Т., Норов М.С., Нарзулоев Т.С., Гулов С.М. ва Маҳмадёрзода У.М. - ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Давлатова Рухшона Нодирхоновна

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Давлатова Рухшона Нодирхоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) ба Давлатова Рухшона Нодирхоновна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 16 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсент Боймуродов Р.Б.